«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ ,
н.и.т. ________ Муродзода А.А.
аз «05» ____03______ соли 2025

# ХУЛОСАИ
## Шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ

Диссертатсияи Мудабирзода Зафарҷон Бадридин дар мавзуи «Таърихнигории таърихи водии Рашт (давраи нав, навтарин ва муосир)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисосҳои 6D020300 –Таърих, ихтисоси 6D020303 - Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ дар Шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш иҷро шудааст.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Мудабирзода Зафарҷон Бадридин дар зинаи таҳсилоти докторанти фалсафа (PhD) дар соҳаи таърихи Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ таҳсил намудааст.

Роҳбари илмии Мудабирзода Зафарҷон Бадридин сарходими илмии Шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ доктори илмҳои таърих, профессор, узви вобастаи АМИТ Пирумшоев Ҳайдаршо мебошад.

Аз муҳокимаи рисола дар ҷаласаи Шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш аз 24 феврали соли 2025, протоколи №2 хулосаи зерин ҳосил гардид:

1. **Баҳо ба рисолаи докторанти фалсафа (PhD)**. Таҳқиқот ба таърихнигории таърихи водии Рашт (давраи нав, навтарин ва муосир) бахшида шудааст. Рисола ҳаводиси сиёсиву иҷтимоӣ ва иқтисодиву фарҳангии водии Раштро, ки дар асарҳои муҳаққиқон инъикос ёфтаанд, дар бар мегирад.

Муаллиф мубрам будани рисоларо чунин асоснок месозад, ки ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ – иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва хусусиятҳои этнографию тавсифи антропологии тоҷикони минтақаи Ғарм то асри XIX дар асарҳои таърихӣ, сафарномаҳо ва ёддоштҳои сайёҳони мамлакатҳои гуногун зикр шудааст. То асри XIX таърихи минтақа дар асарҳои таърихӣ ба таври нопурра ва ҷузъӣ инъикос гардидааст. Маълумоти ҷамъоваринамудаи сайёҳон, ҳарбиён ва олимони рус, ки дар китобу матбуоти даврӣ ва маҷаллаҳои илмӣ нашр гардиданд, то кунун мавриди таҳлили нисбатан пурраи таърихнигорӣ қарор нагирифтаанд.

Дар замони Шуравӣ ва даврони истиқлолияти комили давлатӣ низ роҷеъ ба таърихи водии Рашт як қатор асару мақолаҳо рӯи чоп омаданд. Ҳамчунин, ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии ноҳияҳои водии Рашт дар ҳуҷҷатҳои бойгонӣ ва матбуоти даврӣ инъикоси худро ёфтаанд, ки то имрӯз аз нигоҳи таърихнигорӣ баррасӣ нагардидаанд. Бинобар ин, моҳияти омӯзиши таърихнигории таърихи водии Рашт дар доираи таҳқиқи рисолаи илмӣ аҳамияти вижаи илмӣ дошта, ба ин васила саҳми олимонро дар омӯзиши таърихи ин минтақа возеҳан муайян намудан мумкин аст.

Таҳлили таърихнигории таърихи минтақаи Рашт аз он ҷиҳат зарур аст, ки чаҳорчӯбаи замонии ҳодисаҳои таърихӣ дар асоси маълумотҳои дақиқ муқоиса шуда, мувофиқи хронология мураттаб мешавад. Аз тарафи дигар, чунин тарзи таҳқиқот барои таснифи таҳқиқоти соҳавии олимон доир ба минтақаи Рашт, ба бахшҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигар самтҳои ҳаёти ҷомеа имконияти бештар фароҳам меоварад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ муқовимати геополитикӣ, этникӣ ва миллии замони муосир муайян кардани таърихи халқҳои муқимӣ дар минтақа масъалаи мубрами илмӣ маҳсуб мешавад. Аз ин лиҳоз дар асоси таҳқиқоти олимон муайян намудани дараҷаи омӯзиши илиии минтақаи Рашт дар таърихнигории миллӣ мақоми хоса пайдо намудааст.

Таҳқиқи таърихнигории таърихи Рашт метавонад саҳми олимонро дар омӯзиши илмии масоили таърихии давраҳои наву навтарин ва муосир муайян ва ҳақиқати масоили таърихии ин минтақаро ошкор ва баррасӣ намояд.

2. **Иштироки шахсии унвонҷӯй дар гирифтани натиҷаҳое, ки дар диссертатсия пешниҳод кардааст**. Диссертатсия натиҷаи таҳқиқоти шахсии докторанти фалсафа (PhD) ба ҳисоб рафта, андешаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона баён ва иҷро шуда, дар он асос ва натиҷаи таҳқиқот инъикос ёфтааст.

**3. Дараҷаи таҳқиқоти анҷомдодашуда**. Истифодаи методи материализми таърихӣ дар омӯзиши мавзуи мазкур имкон дод, ки равандҳои таърихи минтақаи Қаротегин аз нуқтаи назари таърихнигории давраҳои гуногун ба таҳлил гузошта шавад. Аз он ҷумла, далелҳо доир ба ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии минтақа дар доираи таърихи умумии Осиёи Миёна, давлати Шуравӣ ва Тоҷикистони соҳибистиқлол мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Чунин услуби хронологии таҳлил имкон медиҳад, ки таърихнигории ҳар як давраи таърих бо ҷузъиёти ба худ хос пурра ва амиқ пешниҳод гардад.

Дар рафти таҳқиқ ҳамчунин таҳлилҳои муқоисавии давраҳои гуногун, муайянкунии моҳияти ҳодисаҳо, истифодаи тартиби хронологӣ бо методи таърихият (историзм), методҳои таҳлилӣ, муқоисавӣ, мантиқӣ, хулосабарорӣ ва дигар услубҳои таҳқиқ истифода гардиданд.

**Мақсади таҳқиқот**. Дар давоми иҷрои таҳқиқоти мазкур дар назди диссертант мақсади баррасии таърихнигории таърихи водии Рашт дар давраҳои нав, навтарин ва муосир гузошта шудааст. Вобаста ба ҳамин мақсад, диссертант дар пеши худ вазифаҳои зерин мегузорад:

- муайян кардани сатҳи омӯзиши илмии таърихи Қаротегин чун ҷузъи муҳими таърихи Тоҷикистон ва таҳлили сарчашмаҳои давраи тоинқилобӣ;

- таҳлили адабиётҳои илмӣ ва муайян намудани моҳияти илмии онҳо дар доираи илми таърихнигорӣ;

- аз ривояту ҳикоёт ҷудо кардани донишҳои таърихӣ дар асоси осори муҳақиқони асрҳои XVIII-XIX;

- таҳлили мушаххаси таърихнигории минтақаи Рашт дар асоси асарҳои муҳаққиқони рус;

- таҳлили асарҳои муаллифони маҳаллӣ ва хотираҳои иштирокчиёни бевоситаи муборизаҳои сиёсии аввали асри XX ;

- муайян кардани таърихнигории давраи Шуравӣ оид ба омӯзиши таърихи минтақаи Қаротегин. Таҳлили корҳои илмии солҳои 20-50-уми асри XX вобаста ба экспедитсияҳои этнографӣ, ки дар минтақаҳои кӯҳистони Тоҷикистон фаъолият намудаанд;

- саҳми муаррихони Шуравӣ дар омӯзиши таърихи минтақа ва гузаштан ба таҳлили таҳқиқоти таърихии давраи истиқлолият доир ба таърихи Рашт.

- таҳлили масоили фарҳангии минтақаи Рашт дар адабиёти илмӣ дар давраи Шуравӣ ва замони истиқлолияти давлатӣ.

**Навгониҳои таҳқиқот**. Навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст ба доираҳои илмӣ таҳқиқоти диссертатсионие пешниҳод мегардад, ки он ба таърихнигории таърихи водии Рашт бахшида шудааст. Навовариҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳамчунин дар нукоти зерин баён мегардад:

- дар асоси адабиёти мавҷуда дараҷаи таҳқиқи илмии таърихи Қаротегин чун ҷузъи муҳими таърихи Тоҷикистон дар давраи тоинқилобӣ муайн карда шуд;

- дараҷаи арзиши илмии таҳқиқоти мавҷуда дар таърихнигории миллӣ баррасӣ гардид;

- дар асоси осори муаллифони асрҳои XVIII - XIX ривояту ҳикоёт аз донишҳои илмӣ ҷудо карда шуд.

- мақоми осори муҳаққиқони рус дар таърихнигории минтақаи Рашт мавриди таҳлил қарор ёфт;

- маълумоти осори муаллифони маҳаллӣ ва хотираҳои иштирокчиёни бевоситаи муборизаҳои сиёсии аввали асри XX ба доираи таҳлили таърихнигорӣ кашида шуд;

- таҳлили натиҷаи экспедитсияҳои этнографии солҳои 20-50-уми асри XX дар минтақаҳои кӯҳистони Тоҷикистон ба анҷом расида, пешниҳод гардид;

- саҳми муҳаққиқони Шуравӣ дар омӯзиши таърихи минтақаи Рашт муайян карда шуд;

- дараҷаи инъикоси таърихи минтақаи Рашти замони истиқлолияти давлатӣ дар таърихнигории замони муосир мавриди таҳлилу баррасӣ қарор ёфт;

- дар асоси адабиёти илмӣ масоили фарҳангии минтақаи Рашт дар замони Шуравӣ ва истиқлолият мушаххас гардид.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии** таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки дар он сатҳи зарурии дарачаи таҳқиқот муайян шуда, чанбаи илмии он қавитар ба назар мерасад.

Сатҳи муқоисавии далелҳои таърихӣ ва баҳогузории мантиқии онҳо чиҳати назариявии мавзуъро инъикос мекунад. Мазмуни асосӣ, хулосаҳо ва маводи санадии диссератсияро метавон зимни таълифи асарҳои маҷмуӣ оид ба таърихи сиёсӣ, иқтисодӣ, ичтимоӣ ва фарҳангии охири асри XIX ва ибтидои асри XX-и минтақаи Рашт, таълифи монографияҳо, ҳангоми гузаронидани курсҳои лексионӣ ва махсус аз фанҳои «Таърихи халқи тоҷик» истифода намуд.

Маводҳои дар диссертатсия овардашуда барои дарки воқеии масъалаҳои мубрами сиёсиву иқтисодӣ ва ичтимоиву фарҳангии минтақаи Рашт дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX имконият медиҳанд. Натиҷаҳо ва тавсияҳои рисола барои ҳалли баъзе аз масоили таърихии асрҳои дарназардошташуда муҳим аст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи "Таърихнигории таърихи водии Рашт (давраи нав, навтарин ва муосир)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯи ихтисоси 6D020300 – Илмҳои таърихӣ (6D020303 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ) мутобиқат менамояд.

Пуррагии маълумоти рисолаи илмӣ дар маводҳои нашршуда таҷассум ёфтааст. Натиҷаҳои асосии корҳои таҳқиқотӣ дар диссертатсияи мазкур ҷамъбаст шудаанд. Қисмҳои алоҳидаи кори таҳқиқотӣ дар мақолаҳои илмие, ки солҳои 2019 -2024 навишта шуда, аз чоп баромаданд, инъикос ёфтаанд.

Ҳолатҳои асосҳои таҳқиқоти анҷомдодашуда дар 3 маърузаву маводҳои конфронсӣ ва 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳое, ки аз тарафи КОА–и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд, ба нашр расидаанд. Дар ин мақолаҳо андеша ва таҳлилҳои илмии муаллиф роҷеъ ба таърихнигории водии Қаротегин нишон дода шудаанд:

[1–М]. Мудабиров З.Б., Махсудов А.М. Сатҳи инъикоси таърихи водии Рашт дар асари Эмом Муҳиддинов "Қисмате аз таърихи Рашти куҳан" [Матн] // Мудабиров З.Б., Махсудов А.М. / Гузоришҳои АМИТ ТҶ. 2020. №2 (010). С.129-133.

[2–М]. Мудабиров З.Б. Таърихнигории шӯриши Усмон [Матн] // Мудабиров З.Б. / Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. -2021-№ 4 (93). С.267-271.

[3–М]. Мудабиров З.Б. Таърихнигории таърихи Қаротегин дар таҳқиқотҳои олимон ва саёҳони рус давраи охири асри XIX ва ибтидои асри XX [Матн]// Мудабиров З.Б. /Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. -2021-№ 5 (93). С.272-277.

[4–М]. Пирумшоев Х., Мудабиров З.Б., Саидов С.Ҷ., Нақши А.А. Семёнов дар таҳқиқоти анъанаҳои мардумии тоҷикони Қаротегину Дарвоз [Матн] // Пирумшоев Х., Мудабиров З.Б., Саидов С.Ҷ./ Паёми Донишгоҳи

давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. -2022.-№ 2 (97). С.302-306.

[5-М]. Мудабиров З.Б., Саидов С.Ҷ. Тавсифи водии Қаротегин дар асари “Таърихи ҳумоюн”-и Муҳаммад Содиқхоҷаи Гулшанӣ [Матн] // Мудабиров З.Б., Саидов С.Ҷ. / Муаррих. Маҷаллаи илмӣ-назариявии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ – 2022. – №1 (29). С.98-106.

**Маводҳои конфронсӣ**

[6-М] Мудабиров З.Б. Таърихнигории музокироти сулҳи тоҷикон //Маводҳои конференсияи илмӣ-назариявии устодон, кормандон ва донишҷӯёни Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт бахшида ба “25-солагии Ваҳдати миллӣ” ва “Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)” (18-23 апрели соли 2022 – ҳафтаи илм). – Рашт, 2022. – 262 саҳ.

[7-М] Мудабиров З.Б., Наврӯзов Ғ.Л.,Саидов С.Ҷ., Ҷуғрофия ва сарватҳои табии Қаротегин //Маводи конференсияи байналмиллалии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи “ Тағйирёбии иқлим ва таъсири он ба сайёраи замин: “20-солагии омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф”. ДОДТ, Рашт, 2022. С.113-119.

[8-М] Мудабиров З.Б., Ҷонмуродов Ш. Афкори сиёсии Закариёи Розӣ ва Абурайҳон Берунӣ оид ба сарварӣ // Маводи конференсияи илмӣ-назариявии байналмиллалии бахшида ба 1050-солагии Абурайҳон Берунӣ. Душанбе, Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ. 2023. С.213-216.

Ҷаласаи Шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1.Диссертатсияи Мудабирзода Зафарҷон Бадридин дар мавзуи «Таърихнигории таърихи водии Рашт (давраи нав, навтарин ва муосир)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисосҳои 6D020300 –Таърих, ихтисоси 6D020303 - Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ ҳамчун кори илмӣ-тахассусӣ иҷро гардида, ба талаботи нишондиҳандаҳои Низомномаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмӣ ҷавобгӯ мебошад.

2. Диссертатсияи Мудабирзода Зафарҷон Бадридин дар мавзуи «Таърихнигории таърихи водии Рашт (давраи нав, навтарин ва муосир)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи ихтисосҳои 6D020300 –Таърих, ихтисоси 6D020303 - Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ барои ҳимоя пешниҳод карда шавад.

Хулосаи мазкур дар ҷаласаи Шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АМИТ қабул гардид.

Дар ҷаласа 14 нафар иштирок намуданд.
Натиҷаи овоздиҳӣ:
«Тарафдор» - 14 нафар;
«Зид» -нест;
«Бетараф» - нест.
Қарор якдилона қабул гардид.
Протоколи № 2 аз 25 феврали соли 2025.

**Мудири Шуъбаи таърихи қадим, асрҳои миёна ва нави Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносииба номи А. Дониш, доктори илмҳои таърих, профессор** **Ҳ. Ш. Камолов**

**Котиб** **М.Тоҷиева**

Имзои доктори илмҳои таърих, професор Ҳ. Ш. Камолов ва котиб М.Тоҷиеваро тасдиқ мекунам

Нозири шуъбаи кадрҳо Г. Файзуллоева

05.03.2025